# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 2025 сол).**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, ба он асоснок мегардад, ки сирояти вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ҳамчун яке аз таҳдидҳои асосӣ ба ҳаёт ва саломатии инсон дар тамоми ҷаҳон эътироф гардидааст ва Тоҷикистон низ аз ин таҳдид дар канор нест. Дар даҳсолаи охир бемории мазкур дар байни ҷомеаи Тоҷикистон ба яке аз мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ табдил ёфтааст, ки ҳалли он бо истифодаи воситаҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ муҳим мебошад.

Аз рӯйи оморҳои расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз андешидани тадбирҳои пешгирикунанда, шумораи шахсони сироятшуда бо ВНМО сол аз сол тағйир ёфта, тамоюли торафт афзоишёбанда дорад. Масалан, дар солҳои охир ҳар сол даҳҳо ҳолати сироят кардани шаҳрвандон ба вируси мазкур ба қайд гирифта шуда, ин шумора дар соли 2023 ба 72 ҳолат расидааст. Ин дар ҳоле мебошад, ки сирояти ВНМО хусусияти пинҳонкорӣ дошта, дар бисёр мавридҳо шаҳрвандон аз сироятёбии худ бехабаранд ва ба ин васила барои паҳншавии бештари вирус замина фароҳам мегардад.

Бинобар ин, яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи саломатии шаҳрвандон аз сироят ё таҳти хавфи сирояти ВНМО гузоштани онҳо мебошад. Бо мақсади ҳимояи ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон дар моддаи 125 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои сироят кардан ба ВНМО пешбинӣ намудааст, вале татбиқи амалии ин меъёри қонунгузорӣ ба сабаби номукаммалии танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва норӯшан будани бисёр ҳолатҳо ҳанӯз ҳам бо мушкилоти зиёд рӯбарӯ мешавад.

Мушкилоти асосие, ки дар амалияи судӣ ва тафтишотӣ вобаста ба татбиқи моддаи мазкур ба миён меояд, пеш аз ҳама, дар чунин масъалаҳои муҳим ифода меёбад: муайян кардани дурусти субъекти ҷиноят, яъне шахсоне, ки метавонанд барои сирояти дигарон ба ВНМО ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд; фарқ гузоштани сироят ба ВНМО аз дигар

кирдорҳои барои ҳаёт ва саломатии инсон хавфнок, аз ҷумла ҷиноятҳое, ки боиси зарари вазнин ба саломатӣ мешаванд ё ба паҳншавии дигар бемориҳои сироятии бо роҳи ҷинсӣ гузаранда алоқаманд мебошанд; муайян намудани шакл ва намуди гуноҳ дар ин ҷиноят, ки то ҳол дар байни муҳаққиқон ва ҳуқуқтатбиқкунандагон баҳсталаб боқӣ мемонад; мушкилоти муайян кардани аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноят ва дуруст баҳо додани онҳо аз ҷониби мақомоти судӣ ва тафтишотӣ; номувофиқатии ҷазоҳои пешбинишуда дар моддаи 125 КҶ ҶТ ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят.

Дар айни замон, набудани меъёрҳои равшан ва фаҳмо оид ба вазъиятҳои мушаххас, ба монанди сирояти шахсони ноболиғ, занони ҳомиладор ё сирояти гурӯҳии шаҳрвандон, боиси он мегардад, ки мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда ба иштибоҳҳо роҳ медиҳанд. Ин ҳолат ба риоя нашудани принсипҳои асосии қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла принсипи адолат, сабаб мешавад..

Инчунин, бояд қайд намуд, ки сирояти ВНМО хусусияти баланди иҷтимоии манфиро низ дорад, зеро он метавонад боиси бад шудани вазъи умумии саломатӣ, паст задани шаъну эътибори шахсони гирифтори ин беморӣ, косташавии равобити иҷтимоӣ ва вайрон шудани муносибатҳои оилавӣ гардад. Ба ин васила, мушкилоти мазкур дорои оқибатҳои ҷиддии иҷтимоӣ буда, таҳқиқоти ҳамаҷониба ва махсусан омӯзиши ҳуқуқӣ-ҷиноятии онро тақозо менамояд.

Дар натиҷа, мавзуи таҳқиқоти мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ хеле мубрам мебошад. Омӯзиши амиқ ва фарогири ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии сироят кардан ба ВНМО, таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва механизми татбиқи амалии он имкон медиҳад, ки сатҳи ҳифзи саломатии шаҳрвандон баланд бардошта шуда, ҷиноятҳои сирояткунанда пешгирӣ ва ҷазои одилона таъмин карда шаванд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки ин диссертатсия яке аз аввалин таҳқиқоти васеъ ва бунёдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки масъалаҳои марбут ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам (ВНМО)-ро дар заминаи муқаррароти ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ ва таҷрибаи татбиқи он мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар диссертатсия ба масъалаҳои муҳим ва қаблан таҳқиқнашуда ё норавшан дар сатҳи илмии ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон диққати махсус дода шудааст, ки инҳо дараҷаи баланди навгониро нишон медиҳанд.

Дар натиҷаи таҳқиқот ба даст овардани чунин натиҷаҳои наву муҳим ба назар мерасад:

- бори аввал дар сатҳи диссертатсионӣ дар Тоҷикистон таҳлили амиқи таърихии рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан ба ВНМО гузаронида шуда, марҳилаҳои инкишофи ин навъи ҷавобгарӣ муайян карда

шудаанд;

- бо истифода аз усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бори аввал таҷрибаи танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан ба ВНМО тибқи қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ таҳлил шуда, таҷрибаи пешқадами ин давлатҳо барои такмили қонунгузории миллӣ пешниҳод шудааст;

- муаллиф бори аввал ба таври возеҳ ва асоснок нишон додааст, ки дар таркиби ҷинояти сироят кардан бо ВНМО, ҳаёт ва саломатии инсон ҳамчун объекти ягона ва ҷудонашавандаи ҷиноят баромад мекунанд;

- дар диссертатсия пешниҳод шудааст, ки сироят кардани шахсони ноболиғ, занони ҳомиладор ва гирифтор кардани шахс ба БПНМ (СПИД) ҳамчун аломатҳои вазнинкунандаи махсус дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар карда шаванд;

- ба таври назариявӣ асоснок карда шудааст, ки субъекти ҷинояти сироят кардан ба ВНМО метавонад ба шакли умумӣ ва махсус (шахси мубталои ВНМО) вобаста аз таркиби мушаххас (қ.1 ё қ.2 м.125 КҶ ҶТ) баромад намояд;

- муаллиф ба масъалаи фарқияти ҷинояти сироят кардан бо ВНМО аз дигар таркибҳои ҳамшафати ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ таваҷҷуҳи махсус дода, меъёрҳои возеҳ ва дақиқи фарқгузориро пешниҳод намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида дар маҷмуъ дар асоси усулҳо ва принсипҳои илмӣ таъмин гардидаанд. Хулоса ва тавсияҳои ифодаёфта натиҷаи омӯзишу таҳқиқоти васеъ ва ҳамаҷонибаи масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) дар асоси қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи татбиқи он ва муқоиса бо қонунгузории дигар кишварҳо мебошанд.

Барои таҳкими эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада аз методҳои гуногуни илмӣ-назариявӣ ва эмпирикӣ, аз ҷумла методҳои таҳлили таърихӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ, системавӣ, таҳқиқи оморӣ ва расмӣ-ҳуқуқӣ ба таври васеъ истифода гардидааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқот шумораи зиёди манбаъҳои илмии ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва маводи амалияи судиро мавриди омӯзиш қарор дода, онҳоро ба таври таҳлилии амиқ арзёбӣ намудааст. Инчунин, барои асоснок кардани хулосаҳо ва тавсияҳо шумораи зиёди парвандаи ҷиноятӣ, ки дар давоми солҳои 2014-2024 дар мақомоти судӣ ва тафтишотии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, таҳлил гардидаанд.

Натиҷаҳои бадастомада пурра ба талаботи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мувофиқ буда, дорои асосҳои назариявӣ ва амалии устувор мебошанд. Инчунин, хулосаю тавсияҳои пешниҳодгардида бо талаботи амалии мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда мутобиқ мебошанд ва барои такмили минбаъдаи қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии пешгирии ҷинояти мазкур истифода мешаванд. Ҳамин тариқ, натиҷаҳо, хулосаҳо ва

тавсияҳои дар рисола пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ асоснок буда, эътимоднокии баланди илмиро доро мебошанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 199 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима асоснокии интихоби мавзуи таҳқиқот дар заминаи таҳлили вазъи воқеии ҷомеа ва талаботи амалии мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда шарҳ дода шуда, қайд гардидааст, ки сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ҳамчун яке аз мушкилоти ҷиддӣ ва нигаронкунандаи ҷаҳони муосир, аз ҷумла Тоҷикистон, боқӣ мемонад. Дар робита ба ин, дар муқаддима мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти мазкур бо назардошти мушкилоти мавҷуда муайян гардида, объект ва предмети таҳқиқ ба таври мушаххас ва равшан нишон дода шудаанд. Ҳамчунин, ҷанбаҳои муҳим ва фарққунандаи ин таҳқиқот аз дигар таҳқиқотҳои қаблӣ ба таври возеҳ таъкид гардида, навгонии илмии натиҷаҳои бадастовардашуда ва аҳаммияти амалии онҳо дар такмили қонунгузорӣ, таҷрибаи судӣ ва тафтишотӣ нишон дода шудааст. Бо ин тартиб, муқаддима аҳамияти махсус ва зарурати таҳқиқи мавзуи мазкурро ба таври пурра ва мантиқӣ асоснок менамояд.

Дар боби якуми рисола **«Муқарраротӣ умумӣ оид ба сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам»,** масъалаҳои умумии хавфнокии ҷамъиятии вируси норасоии масунияти одамро таҳлил намуда, ба таври асоснок баён медорад, ки «таҳлили вазъи сироятёбӣ бо ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар аксари ҳолатҳо нафароне, ки сабаби сирояти вируси мазкур ба шахсони дигар мешаванд, бахусус дар муносибатҳои заношӯӣ, ҳамеша ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд. Яке аз сабабҳои асосии ин ҳолат он аст, ки занҳо бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла мавҷуд будани ақидаву қолабҳои куҳнашудаи иҷтимоӣ, норасоии вазъи молиявӣ, сатҳи пасти донишҳои ҳуқуқӣ ва ҳолати руҳии ноустувор, ки махсусан пас аз сироят ёфтан ба ин беморӣ рух медиҳад, ба мақомоти дахлдор муроҷиат намекунанд» (саҳ.20).

Дар ин боби таҳқиқот муаллиф таърихи ташаккул ва таҳаввули ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят намудан ба ВНМО-ро дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ба таври ҳамаҷониба ва мукаммал таҳлил намудааст. Дар ин замина марҳилаҳои асосии рушди меъёрҳои ҳуқуқӣ вобаста ба ин ҷиноят муайян шуда, омилҳо ва заминаҳое, ки зарурати пешбинии ҷавобгарии ҷиноятиро барои ин навъи кирдорҳо ба вуҷуд овардаанд, ошкор гардидаанд.

Аз ҷумла, муаллиф инкишоф ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба

сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одамро мавриди омузиш қарор дода, иброз менамояд, ки «пайдоиши ВНМО дар таърих ба номҳои гуногун «бемории сифилис» «бемориҳои зуҳравӣ» «бемориҳои гонорея» дида мешуд, аммо умумияти онҳо танҳо бо он дида мешуд, ки ин бемориҳо бо роҳи алоқаи ҷинсӣ мегузаштанд ва бемории сироятии ВНМО-ро низ дар бар мегирифтанд» (саҳ.41).

Дар ин боб, инчунин, муаллиф таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла кишварҳои пасошуравиро дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо ВНМО мавриди таҳқиқ қарор дода, меъёрҳои ҳуқуқии ин давлатҳоро бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса намудааст. Дар асоси ин муқоисаи ҳуқуқӣ хусусиятҳои мушаххаси танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят бо ВНМО муайян гардида, муаллиф ба хулосаҳои муҳими назариявӣ оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон дар ин самт расидааст.

Аз ҷумла, муаллиф дар асоси таҷрибаи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ дар қ.3 м.125 КҶ ҶТ мустаҳкам намудани сироят кардан ба бемории БПНМО -ро ҳамчун ҳолати вазнинкунанда (саҳ.46), бевосита дар диспозитсияи моддаи 125 КҶ ҶТ нишон додани шакли гуноҳро асоснок мешуморад (саҳ.56).

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои боби якум асоси назариявӣ ва таърихии устувордро барои таҳқиқи минбаъдаи мавзӯъ фароҳам оварда, барои муайян намудани хусусиятҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардани одамон бо ВНМО заминаи зарурӣ эҷод менамояд.

Дар боби дуюми ин таҳқиқот **«Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам»** муаллиф хусусиятҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии таркиби ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам (ВНМО)-ро бо баррасии ҳамаҷонибаи унсурҳои он таҳқиқ намудааст. Аз ҷумла, муаллиф масъалаҳои объекти ҷинояти мазкурро муайян намуда, таъкид мекунад, ки «объекти намудии ҷиноятҳои сироят кардан ба ВНМО на танҳо саломатӣ, балки ҳаёти инсон мебошад, чунки сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ба саломатии ҷабрдида зарар расонида, ҳангоми душворшавӣ ба марг оварда мерасонад. Аз ин сабаб ин ҷиноят дар боби 16 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣмустаҳкам гардидааст» (саҳ.65).

Объекти бевоситаи сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ҳаёт ва саломатии шахси мушаххас ҳисоб мешавад (саҳ.71).

Муаллиф тарафи объективии ҷинояти мазкурро таҳлил, намуда баён медорад, ки «тарафи объективии дидаю дониста, таҳти хавфи сироят кардан ба ВНМО гузоштани шахси дигар (мутобиқи қ.1 м.125 КҶ ҶТ) дар содир намудани кирдорҳое ифода ёфта метавонад, ки хавфи воқеии сироятёбии ҷабрдидаро бо ВНМО ба вуҷуд меорад. Азбаски қонунгузор номгӯйи чунин кирдорҳоро пешбинӣ накардааст, бинобар ин, ҳангоми бандубаст ин ҳолат боиси ба миён омадани баҳсҳо мегардад” (саҳ.73).

Ғайр аз ин муаллиф ба таври асоснок хулосабарорӣ намудааст, ки

тасаввур намудани кирдори барои ҷомеа хавфнок дар шакли беҳаракатӣ, ки дар дидаву диниста таҳдиди сирояти шахси дигар ба ВНМО ифода ёфта бошад, ба мантиқи танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мутобиқат намекунад. бо дарназардошти роҳҳои сирояти ВНМО маълум мегардад, ки чунин кирдор танҳо тавассути ҳаракатҳои фаъолонае имконпазир аст, ки бевосита хавфро эҷод мекунанд (масалан, муносибати ҷинсии муҳофизатнашуда ё истифодаи муштараки воситаҳои нашъадорӣ бо асбобҳои безараргардониданашуда) (саҳ.75).

Дар доираи боби мазкур муаллиф асоснок месозад, ки новобаста аз муқарраpоти дар қ.3 м.24 КМҶ ҷой дошта дар бораи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида бо мақсади таъмини принсипи қонуният ба таври алоҳида илова намудани эзоҳ ба м.125 КҶ ҶТ ба мақсад мувофиқ мебошад. Вобаста пешниҳод мешавад, ки эзоҳ ба м.125 КҶ ҶТ бо мазмуни зайл ворид карда шавад: «Шахсе, ки кирдорҳои дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинишударо содир кардааст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад, агар шахси дигаре, ки зери хавфи сироят қарор дода шуда ё бо ВНМО сироятёфтааст, саривақт дар бораи дар шахси аввал мавҷуд будани ин беморӣ огоҳонида шуда бошад ва ихтиёран ба содир намудани ҳаракатҳое, ки хавфи сироятёбиро ба вуҷуд меовард, розӣ шуда бошад» (саҳ.101).

Дар боби мазкур, инчунин, масъалаи субъекти ин ҷиноят таҳқиқ гардида, муайян карда мешавад, ки субъекти ҷинояти мазкур шахси мукаллафе мебошад, ки дар бораи сироятёбии худ бо ВНМО огоҳӣ дорад ва бо вуҷуди ин, дидаю дониста ба сироят кардани дигарон роҳ медиҳад (саҳ.106).

Барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи қ. 2, 3 м. 125 КҶ ҶТ кашидани субъекти мубталои ВНМО бояд он ҳолате муқаррар карда шавад, ки шахс пешакӣ ва боэътимод медонист, ки мубталои ВНМО мебошад, яъне ба ӯ иттилоъ дода шуда буд, ки дар организми ӯ ВНМО вуҷуд дорад ва ин ҳолат дар натиҷаи муоинаи тиббӣ тасдиқ шудааст (саҳ.108).

Тарафи субъективии ҷинояти м.125 КҶ ҶТ -ро мавриди баррасӣ қарор дода муаллиф баён медорад, ки «таҳлили тарафи субъективии ҷинояти вобаста ба сироят намудани дигарон бо ВНМО дар шароити муосири ҳуқуқӣ аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ пайдо намудааст. Муайян намудани шаклҳои гуноҳ ва хусусиятҳои онҳо барои тафсири дурусти меъёрҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи одилонаи онҳо дар амалия зарур аст. Мавқеи шахс нисбат ба кирдори худ ва оқибатҳои он, ки тавассути омилҳои зеҳнӣ ва иродавӣ муайян карда мешавад, асоси таркиби субъективии ин ҷиноятро ташкил медиҳад» (саҳ.124).

Тарафи субъективии ҷинояти сироят кардан бо ВНМО метавонад ҳам бо шакли гуноҳи қасдона ва ҳам бо шакли гуноҳи беэҳтиётӣ ифода гардад. Ҳамзамон, бо дарназардошти сохтори таркиби ҷиноят, имконияти вуҷуд доштани ҳам қасди бевосита ва ҳам қасди бавосита пешбинӣ мешавад (саҳ.125).

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои боби мазкур барои дуруст муайян намудани таркиби ҷиноят ва татбиқи самараноки меъёрҳои ҳуқуқии моддаи 125 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуда, барои такмили қонунгузорӣ ва беҳтар кардани таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ тавсияҳои амалӣ пешниҳод менамоянд.

**Дар боби сеюм «Хусусиятҳои бандубасти ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам»** мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Муаллиф аломатҳои вазнинкунандаи сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одамро таҳлил намуда, иброз медорад, ки ҳолати махсусан вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ, ба монанди сироят кардани ду ё зиёда шахсон, бо мавҷудияти на камтар аз ду ҷабрдида тавсиф мегардад, ки саломатии онҳо воқеан зарар дидааст ва онҳоро метавон ҳамчун шахсони сироятшуда эътироф кард. Қонун дар мавриди ҷинси чунин шахсон ё дигар аломатҳои маҳдудкунанда ягон маҳдудияте пешбинӣ накардааст, зеро муҳим нест, ки сироятшавии шахсон якҷинса ё гуногунҷинса сурат гирифтааст.

Ҳамзамон, бо дарназардошти он, ки ҳолати махсусан вазнинкунандаи минбаъда ба шахси ноболиғ дахл дорад, метавон эътироф намуд, ки ҳолати баррасишаванда метавонад ба ду ё зиёда шахсони ба синни балоғатрасидаи ҳарду ҷинс мансуб бошад. Ба ибораи дигар, сироят кардани ду ё зиёда шахс аз лаҳзае ҷинояти анҷомёфта ҳисоб мешавад, ки дар организми ду ҷабрдидаи болиғ ВНМО ошкор мегардад (саҳ.139).

**Аломати вазнинкунанда дар намуди «нисбати шахси баръало ноболиғ»-ро мавриди таҳлил ва омузиш қарор дода, (б. «б» қ.3 м.125 КҶ ҶТ) ба таври асоснок муаллиф қайд менамояд, ки** «дар ҳолатҳое, ки субъекти ҷиноят ҳангоми сироят кардани ҷабрдида бо ВНМО, нисбат ба синну соли воқеии ӯ бовиҷдонона ба иштибоҳ роҳ медиҳад, кирдори содиршуда тибқи қ. 2 м. 125 КҶ ҶТ бандубаст мегардад. Чунин ҳолатҳо, масалан, дар сурате ба вуҷуд меоянд, ки ҷабрдида худро ҳамчун шахси ба синни балоғат расида муаррифӣ намуда, далелҳои ба назар қонеъкунандаеро пешниҳод мекунад, ки гӯё синни 18-солагиро пур кардааст ё намуди зоҳирӣ, рушди ҷисмонӣ ва тарзи рафтори ӯ ба синни наврасӣ мувофиқ набуда, атрофиёнро нисбати синну соли воқеии худ ба гумроҳӣ меандозад» (саҳ.138).

Дар ин боб муаллиф бо истифода аз таҷрибаи амалияи судӣ ва таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ хусусиятҳои муҳимми бандубасти ҷинояти мазкурро баррасӣ намуда, таъкид кардааст, ки дар амалия мушкилоти муайян дар фарқгузории ин ҷиноят аз дигар кирдорҳои ҳамшафати пешбинишуда дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой доранд (саҳ.142).

Муаллиф махсусан диққати худро ба таҳлили масъалаҳои фарқгузории ҷинояти сироят кардан бо ВНМО аз таркибҳои монанд, аз ҷумла қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, сироят кардани шахс бо касалии зуҳравӣ, номатлуб иҷро намудани вазифаҳои касбӣ аз ҷониби кормандони тиб, вайрон кардани қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ ва зиддиэпидемикӣ ва

дигар ҷиноятҳои алоқаманд равона кардааст.

Дар ин замина, бо мақсади бартараф намудани мушкилоти амалии бандубаст ва фарқгузории ҷинояти мазкур, муаллиф пешниҳод намудааст, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сирояти ВНМО ба таври возеҳтар ва дақиқтар муайян карда шаванд. Ҳамчунин муаллиф таъкид кардааст, ки ҳадди болоии санксияҳои пешбинишуда дар қ. қ. 2 ва 3 моддаи 125 КҶ ҶТ баланд карда шуда, ҳадди поёнӣ бетағйир боқӣ гузошта шавад. Чунин тадбир имкон медиҳад мушкилоти мавҷуда дар фарқгузории ҷавобгарӣ бартараф гардад ва мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда тавонанд хавфнокии ҷамъиятии кирдори мушаххас ва шахсияти гунаҳкорро дақиқтар баҳогузорӣ намоянд.

Пешниҳод мешавад, ки аз қ.3 м.207 КҶ ҶТ аломати вазнинкунанда дар намуди боиси мубталои сирояти вируси норасоии масунияти одам гардидан хориҷ карда шавад (саҳ.155).

Дар натиҷа, хулосаҳои пешниҳодшуда дар боби сеюм барои таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти судӣ, тафтишотӣ ва дигар мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии вобаста ба сирояти ВНМО мусоидат намуда, заминаи илмӣ ва амалии мустаҳкамро барои такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ фароҳам меоранд.

Хулоса аз 21 банди аҳамияти назариявӣ дошта ва 9 банди ба такмили қонунгузорӣ равонашуда иборат мебошад.

Дар хулосаи таҳқиқоти мазкур муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳлили амиқу муқоисавии масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам (ВНМО), зарурати такмил додани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъкид намудааст. Муаллиф бо мақсади бартараф намудани мушкилоту камбудиҳое, ки дар ҷараёни татбиқи моддаи 125 Кодекси ҷиноятӣ ба вуҷуд меоянд, пешниҳодҳои мушаххасу асоснокро ҷиҳати такмили мазмуни ин модда ва равшан сохтани аломатҳои таркиби ҷинояти мазкур манзур намудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар маҷмуъ аз он иборат аст, ки таҳқиқоти мазкур ҳамчун тадқиқоти мукаммал ва ҳамаҷонибаи масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ба ҳисоб рафта, дар самти мазкур заминаи устувори назариявӣ ва амалиро фароҳам меорад.

Аз нигоҳи илмӣ натиҷаҳои диссертатсия ба рушди минбаъдаи илмҳои ҳуқуқӣ, бахусус назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, мусоидат намуда, бо таҳияи хулосаҳои нави илмӣ оид ба объекту предмет, тарафи объективӣ ва субъективӣ, инчунин хусусиятҳои субъектии ҷинояти мазкур саҳми назаррас мегузоранд.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои диссертатсия дар пешниҳоди тавсияҳои мушаххас барои такмил додани моддаи 125 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки

ҷавобгариро барои сирояти ВНМО пешбинӣ менамояд, ифода мегардад. Натиҷаҳои бадастомада барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти судию тафтишотӣ ҷиҳати дуруст ва ягона татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқии вобаста ба ҷинояти мазкур муфид мебошанд.

Дар самти иқтисодӣ бошад, натиҷаҳои таҳқиқот ба таври ғайримустақим ба коҳиши хароҷот ва зарари иқтисодии вобаста ба табобати бемории ВНМО ва оқибатҳои он таъсир мерасонанд. Такмили механизми ҳуқуқӣ ва пешгирии паҳншавии минбаъдаи вирус метавонад ба кам шудани хароҷоти давлат барои тадбирҳои тандурустӣ, барномаҳои пешгирӣ ва ҷуброни оқибатҳои иҷтимоии он мусоидат намояд.

Аз нигоҳи иҷтимоӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар самти баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ва беҳтар намудани амнияти ҷомеа аҳамияти зиёд доранд. Пешниҳодҳои муаллиф ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва фаъолгардонии чораҳои ҳуқуқӣ метавонанд ба паст шудани сатҳи сирояти ВНМО дар ҷомеа, коҳиши таъсири манфии иҷтимоии беморӣ, инчунин таъмини муҳити солими равонӣ ва иҷтимоӣ дар ҷомеа мусоидат намоянд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 7 мақолаи илмӣ, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин Насриддин ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлоӣ грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо

намуд:

1. Муаллиф дар саҳ. 75-и диссертатсия таъкид менамояд, ки кирдори барои ҷомеа хавфнок дар шакли беҳаракатӣ (ғайрифаъолӣ), ки таҳдиди сирояти шахси дигарро бо ВНМО ба вуҷуд меорад, ба мантиқи танзими ҳуқуқии ҷиноятӣ мутобиқат намекунад ва чунин кирдор танҳо тавассути ҳаракатҳои фаъолона имконпазир аст. Аммо, дар саҳ. 81-и рисола худи муаллиф ба таври ғайримустақим имконияти содир шудани ҷинояти мазкурро дар шакли беҳаракатӣ эътироф намуда, чунин мешуморад, ки иҷро накардани уҳдадориҳои ҳуқуқии шахсони гирифтори ВНМО, аз қабили хабардор накардани ҳамсар ё кормандони тиб дар бораи сирояти худ, метавонад ҳолатҳоеро ташкил диҳад, ки шахсони дигарро таҳти хатари сироятёбӣ мегузоранд.

Ҳамин тавр, дар мавқеи муаллиф дар мавриди шакли содир намудани ҷинояти пешбинишуда дар қисми 1 моддаи 125 КҶ ҶТ зиддият ва номуайянии муайян дида мешавад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки муаллиф мавқеи худро оид ба имконпазир будан ё набудани содир кардани ин ҷиноят тавассути беҳаракатӣ (ғайрифаъолӣ) ҳангоми ҳимояи диссертатсия бо истифода аз далелҳои мушаххас ва возеҳ равшан намояд ва ин номуайяниро бартараф созад.

2. Дар байни ду иддаои муаллиф як тазоди ҷиддии хронологӣ мавҷуд аст. Аз як тараф, муаллиф қайд мекунад, ки сироят кардани шахси дигар ба ВНМО (Вируси норасоии масунияти одам – ВИЧ/СПИД) бори аввал соли 1922 дар қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун ҷиноят пешбинӣ шудааст (саҳ. 41). Аз тарафи дигар, ӯ дар ҷойи дигар таъкид мекунад, ки бемории мазкур аввалин бор соли 1981 ҳамчун бемории мустақил муайян ва фарқгузорӣ шуда, бинобар хавфи иҷтимоӣ доштанаш ба қонунгузории ҶШС Тоҷикистон ҳамчун моддаи алоҳида дохил гардид (саҳ. 41). Воқеият ин аст, ки бемории ВНМО (ВИЧ/СПИД) нахустин бор дар ҷаҳон дар ибтидои солҳои 1980-ум (соли 1981) ошкор шудааст. Аз ин рӯ, аз ҷиҳати хронологӣ номумкин аст, ки соли 1922 дар ягон қонунгузорӣ барои сироят кардани шахс бо ВНМО ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шуда бошад. Аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки ин ихтилофи хронологиро равшан намояд.

3. Муаллиф дар саҳ. 106 таъкид менамояд, ки кормандони соҳаи тиб танҳо дар ҳолатҳое ба сифати субъекти таҳти хавфи сироят бо ВНМО баромад карда метавонанд, ки агар кирдори худро қасдона содир намуда бошанд. Вале дар ҳолате, ки агар бар асари чунин кирдори қасдонаи корманди тиб шахс воқеан ба бемории ВНМО гирифтор шавад, фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи кадом моддаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад, дар кори илмӣ равшан карда нашудааст. Аз ин рӯ, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки мавқеи худро дар ин масъала дақиқ намуда, моддаи мушаххаси Кодекси ҷиноятиро нишон диҳад ё дар сурати номукаммалии қонунгузорӣ, пешниҳодҳои дахлдори худро барои такмили он иroa намояд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию

амалии диссертатсияи макурро коста намекунанд ва ба мухтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва
Тоҷикистон Абдуҳамитов В.А.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи, Сино, кӯчаи Бобоҷон Ғафуров,
21 Тел: (+992) 93-581-93-18 E-mail: valijon05@mail.ru

Имзои Абдуҳамитов В.А. ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Нуриддинов Ҳ.Ҳ.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, куч. М. Турсунзода, 30
Тел. (+992 237) 221-35-50
Факс.: (+992 237) 221-05-70
E-mail: p.rektora@mail.ru
www.rtsu.tj.ru

«05» ноябри соли 2025